## Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки таваҷҷуҳи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб мекунад. Пешравии таълим, таҷҳизоти назариявӣ ва татбиқи амалии ин масъала ба хусусиятҳои муассисаи таълимӣ, ба мавқеи фанҳои таълимӣ, ҳайати омӯзгорон ва дигар ҳолатҳо таъсири муҳим мегузоранд. Принсипҳои таълим ва фаъолияти маърифати донишҷӯён дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва хулосаҳои назариявӣ беҳамто будани принсипҳои таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муқоиса бо принсипҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд.

Иҷтимоишавии донишҷӯён, ки ҳамчун маҷмуи пурраи фаъолияти онҳо ҷудо карда шудааст, зарур нест, ки ба тамоми талаботе, ки ҷиҳати ошкор кардани моҳияти масъалаи иҷтимоишавӣ баррасӣ мешаванд, ҷавобгӯ бошад.

Бояд эътироф кард, ки тафсирҳои гуногуни иҷтимоишавии донишҷӯён ва фаъолияти маърифатӣ на танҳо натиҷаи муносибатҳои гуногун ба мушкилот, балки ба андозае ба шахсият ва натиҷаи тафсири ихтиёрии худи маърифат ва сифати асосии он - фаъолият мебошанд. Иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён ҳамчун равандҳои маърифатии равонӣ худ раванди фаъол мебошад, аммо дараҷаи ин фаъолият ва сабабҳое, ки боиси он мешаванд, гуногун мебошанд.

Бо назардошти талаботи ҷомеаи муосир, таъмини суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори кишвар, зарур аст, ки донишгоҳҳо шахсиятҳои ҳамаҷониба рушдёфтаро тарбия намоянд. Яъне, танҳо доштани донишу малакаҳои касбӣ кофӣ нест — донишҷӯён бояд бо фазилатҳои иҷтимоӣ, масъулиятшиносӣ ва қобилияти муносиб шудан ба шароити тағйирёбанда низ мусаллаҳ бошанд.

Дар ин самт, тарбия ва таҳсил бояд дарякҷоягӣ бо иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ гарданд. Муҳим аст, ки онҳо на танҳо иттилоъ гиранд, балки таҷрибаи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии мустақилро низ аз худ намоянд.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор

гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Муаллиф дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Дар боби якум "Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ, мақоми муассисаҳои олии касбӣ дар иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён, асосҳои назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки яке аз масъалаҳои калидии илми педагогика, ки мустақиман ба ин раванд пайванд дорад, иҷтимоишавии шахсият мебошад. Ин раванди мураккаб воридшавии фаъоли шахс — хусусан донишҷӯ — ба ҷомеа, қабул ва дарки меъёрҳои иҷтимоӣ, инчунин ташаккули мавқеи мустақил дар муҳити иҷтимоиро дар бар мегирад.

Дар боби дуюм "Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" ба масъалаҳои методикаи майянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ фаъолияти маърифатӣ дар ҷараёни иҷтимоишавии донишҷӯён аз рӯйи эҳтиёҷоти шахс, ки ба эҳтиёҷоти олии маънавии ӯ марбут аст, муайян карда мешавад.

Дар боби сеюм "Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардидааст.

Ташаккули сифатҳои аҳлоқӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон раванди мураккабест, ки ташаккули ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд, донишҳои аҳлоқӣ, худтанзимкунӣ ва худшиносӣ, ки тавассути шароит ва омилҳои психологию педагогӣ ва шиддатнокии он алоқаманд аст, дар бар мегирад.

Фозилзода Шерафкан Орзу қайд намудааст, ки самти асосии омодасози донишҷӯён ин таълим мебошад, бинобар ин имконияти баланд бардоштани фаъоли онҳоро дар ҳамин раванд бояд ҷуст. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кардан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзоёни ҷомеа махсусан омӯзгорон аст. Зеро онҳо ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд.

Адабиёти истифодашуда низ барои ин маводи боарзиш мусоидат намудаанд. Муаллиф дар ин самт ба ҳадаф расидааст.

**Эродҳо ба кори илмию таҳқиқотӣ**

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, баъзе тавсияҳоро барои беҳтар гардидани мазмуни он пешниҳод менамоям.

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар кори илмию таҳқиқотӣ бештар ба таҳқиқоти олимони тоҷик таваҷҷуҳ мекард.
2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад,ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Камбудиҳои зикргардида аҳамияти илмӣ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯйи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти Фозилзода Шерафкан Орзу кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад.

Хулоса, кори илмию таҳқиқотии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ
ва мудофиаи шаҳрвандӣ Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевич

Имзои Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

15.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, 17/6. Тел: 918903720. E – mail: khabibullo79@mail.ru